«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

д.и.и., Бобозода К.О. ____________

«__26__» __ноябри__ соли 2025

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**
**ба диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ва муҳтавои он ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, махсусан ба қисматҳои: 12. Фишангҳои коркарди дурнамои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии ҳудудӣ. 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо; таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо. 14. Идоракунии иқтисодиёти минтақавӣ. Шаклҳо ва механизмҳои ҳамкории мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ. 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мутобиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Мубрамияти мавзуи диссертатсия бо он муқаррар карда мешавад, ки ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти минтақавӣ барои таъмини рушди босубот ба воситаи рушди иқтисодӣ, таъмини амнияти экологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин барои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ

ва инкишофи технологияҳои инноватсионӣ нигаронида шудааст. Ҳамаи ин барои ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд намудани дараҷаи рақобатнокии иқтисодиёти минтақавӣ, ҳалли мушкилотҳои калидии бо коркарди партов, истифодабарии ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия ва коҳишёбии ихроҷи газҳои гулхонаӣ алоқаманд мебошад. Ҳамзамон тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо афзоиши пай дар пайи истеҳсолот ва истеъмол ҳаракат намуда, афзоиши босуръати истеҳсолот агар аз як тараф, ба некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд, аз тарафи дигар, ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида истодааст. Вазъи имрӯзаи иқтисодиёти минтақаҳои Тоҷикистон ба омилҳои экологӣ вобастагии бештар пайдо намуда, зарурияти ба миён омадани модели нави иқтисодиро, ки омилҳои иҷтимоию экологиро халалдор намесозад, ба вуҷуд овардааст. Вобаста ба ин, ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодёти сабз яке аз шартҳои асосии ҳифзи муҳити зист ва экология барои наслҳои ҳозира ва оянда эътироф мешавад. Зарурати пойдоршавии иқтисодиёти сабз тақозои замони муосир буда, инкишофёбии он дар ҳама сатҳҳои хоҷагидорӣ (корхона, соҳа, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ) муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад. Айнан бо гуфтаҳои боло мубрамият ва саривақтии таҳқиқоти диссертатсионии Алиджанова Сурайё Абдушукуровна муайян карда мешавад.

**3. Дараҷаи асоснoккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Асоснoккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, дар мустаҳкамкунии назариявию методологӣ ва амалии муносибати маҷмуавӣ ба таҳқиқи ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон, муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти минтақаҳо, коркарди нишондиҳандаи ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок вобаста ба афзоишёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) ва ё афзоишёбии ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаҳои коркард ифода меёбанд. Истифодабарии пешниҳодҳои муаллиф, алалхусус нишондиҳандаи ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок вобаста ба афзоишёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ имкон фароҳам меоварад, ки дараҷаи ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон арзёбӣ карда шаванд.

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар муносибати маҷмуавӣ ба ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти минтақаҳои

Тоҷикистон ифода ёфтааст. Навгонии илмии диссертатсия дар чунин қисматҳо ифода ёфтаанд:

1. Дар асоси таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии пойдоршавӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз муқаррар карда шудааст, ки амсилаи иқтисодиёти сабз дар натиҷаи ба инобат гирифтани сармояи табиӣ ва раванди ифлосгардии муҳити зист ба миён омада, дар амал татбиқ намудани он бо як қатор муаммоҳо алоқаманд мебошад, ки бартараф намудани онҳо ҳамоҳангсозии фаъолияти бахши давлатӣ ва хусусии иқтисодиёти минтақаҳоро тақозо менамояд.

2. Дар натиҷаи муколамаи илмӣ муаллиф мафҳуми иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти сабзро муайян кардааст, ки мутобиқи он иқтисодиёти сабз тарзи хоҷагидориро дар назар дорад, ки бо сабаби афзоишёбии хатарҳои экосистемаҳо барои нигоҳдории сатҳи зарурии зиндагонии аҳолӣ нигаронида шуда, намуди рушди иқтисодии самаранокро дар ҳошияи таъминоти рушди босубот ифода менамояд, ки дар он коҳишёбии сатҳи буҳрони экологӣ, масрафи босамари захираҳо барои таъмини манфиатҳои ҷамъияти муосир ва наслҳои оянда мавқеи заминавӣ дорад.

3. Таҳқиқоти гузаронида шуда ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки барои рушди иқтисодиёти сабз чӣ дар минтақаҳо ва чӣ дар сатҳи миллӣ ҳамгироии мамлакатҳои ҷаҳон доир ба истифодаи технологияҳои пешрафтаи аз лиҳози истифодаи энергия камхарҷ, паст намудани дараҷаи ихроҷи гази гулхонаӣ, такроран коркард намудани партовҳои маишӣ ва истеҳсолӣ зарур арзёбӣ карда шудаанд.

4. Таҳлилҳои муаллиф собит намуд, ки пойдоршавии иқтисодиёти сабз ҷанбаҳои иҷтимоиро дар бар мегирад, ки барои солимгардонии муҳити зист ва воситаи фароҳам овардани шароит барои фаъолияти меҳнатӣ ва ба даст овардани даромади сазовор, таъминоти муттасил бо оби нӯшокии босифат ва истифодаи сарчашмаҳои неруи энергетикии барқароршавандаи сабз, ҳамаҷониба ворид намудани навовариҳо ва муносибати инсонпарварона ба низоми экологӣ, дастгирии ташаббусҳои экологӣ аз тарафи ҷамъият ва дар ин васила пойдор намудани иқтисодиёти сабзи инклюзивӣ равона карда мешаванд.

5. Аз тарафи диссертант муайян карда шудааст, ки барои кам намудани ихроҷи моддаҳои зарарнок ба атмосфера дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди истеҳсолот ва фаъолияти шабакаҳои гармитаъминкунӣ гузариш аз истифодабарии ангишт ба гази табиӣ бо баробари истифодаи технологияҳои нави коҳишдиҳандаи партофти моддаҳои

зарарнок ба атмосфера чораи зарурӣ дар самти инкишофи иқтисодиёти сабз ба ҳисоб меравад.

6. Исбот карда шудааст, ки коркарди такрории партов дар самти инкишофёбии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо афзалияти хоса дошта, дар ин росто густариши корҳои фаҳмондадиҳӣ байни кӯдакони аз синни томактабӣ ва мактабӣ барои навъбандии партов оғоз карда шуда, барои коркард ва безараргардонии партов бошад, таъсис ва фаъолияти корхонаҳои коркарди партов ва технологияҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

7. Афзалияти гузариш ба нақлиёти сабзи ҷамъиятӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат аз ҷиҳати экологӣ ва иқтисодӣ асоснок карда шуда, дар ин самт инкишофи ҳамкориҳо бо кишварҳои пешрафта ва таъминот бо сарчашмаҳои энергияи барқароршавандаи ватанӣ муҳим баҳогузорӣ карда шудаанд, ки ҳамчун як самти афзалиятноки рушди иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат баромад мекунад.

8. Бо мақсади баҳодиҳии сатҳи татбиқи амалии мақсадҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат ҳисоб намудани нишондиҳандаи ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок вобаста ба афзоишёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ва зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаҳо коркард шудааст, ки маънои ҳисоби коэффитсиенти мазкур дар он ифода меёбад, ки партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок бештар бо тонна ҳисоб карда шуда, ҳаҷми ММН бо ишораи пулӣ ҳисоб карда мешавад. Бинобар ҳамин ҳангоми ҳисоби коэффитсиенти пешкашшуда тағйирёбии фоизии онҳо барои истифодабарӣ пешкаш карда шудааст.

## 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Дар коркарди асосҳои назариявӣ-методологӣ, муносибати методологию амалӣ ба инкишофи таҳқиқи иқтисодиёти сабз дар шароити минтақаҳои Тоҷикистон ифода ёфта, дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз муқаррар карда шудаанд, ки дар маҷмуъ барои такомули таҳқиқи иқтисодиёти минтақавӣ мусоидат менамоянд. Аз таҳлили диссертатсияи тақризшаванда бармеояд, ки дар он асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии пойдоршавии иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти минтақаҳо ба воситаи омӯзиши вазъи кунунӣ бо мақсади рушди ояндабинона амалӣ карда шудаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои маъмули таҳқиқоти иқтисодӣ ба монанди: муносибати мантиқӣ ва таърихӣ, материализми диалектикӣ, таҳлил ва омезиш, абстраксияи илмӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, баҳодиҳии экспертӣ, таҳлили низомнокӣ ва дигар усулҳо васеъ истифода шудаанд. Истифодабарии усулҳои номбурда

эътимоднокӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии хулосаҳои дар диссертатсия муқараршударо таъмин намуданд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида, дар он зоҳир мегарданд, ки онҳо то дараҷаи коркарди методологӣ ва тавсияҳо барои татбиқи амалӣ оварда шудаанд. Натиҷаҳои диссертатсия барои ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёт сабз дар минтақаҳои мамлакат мусоидат карда, метавонад аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо дар самти пойдор намудани ҳадафҳои иқтисодиёти сабз, аз ҷумла барои ташкили коркарди партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ, гузариш ба истифодаи гази табиӣ дар раванди истеҳсолот, коҳиш додани партофти газҳои гулхонаӣ васеъ истифода шаванд. Як қатор муқаррароти диссертатсия барои коркард ва ташкили курсҳои таълимӣ ва дастурҳои методологӣ барои татбиқи “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037”, “Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028” ва барои амалигардонии “Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар минтақаҳо мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия барои баланд намудани маърифати экологии аҳолӣ, таъмини сатҳи шоистаи зиндагонии мардум, ба эътидол овардани вазъияти низоми экологӣ, инкишофи самти нави шуғли аҳолӣ, яъне шуғли сабз ифода меёбад, ки ҳамаи ин дар натиҷаи рушди самтҳои зарурии иқтисодиёти сабз дар хоҷагидории минтақавӣ, алалхусус истифодабарии васеъи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ташкили фаъолият барои коркарди партовҳо, рушди истифодабарии нақлиёти сабз, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, коҳиш додани партофти газҳои гулхонаӣ имконпазир мегардад.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаи таҳқиқ.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо истифодаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба монанди “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037”, “Барномаи тараққиёти нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028”, “Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин истифодабарии усулҳои муосири таҳқиқи иқтисодӣ муқаррар карда мешавад. Диссертант усулҳои таҳқиқи иқтисодиро бо дарназардошти алоқамандкунии ҷиҳатҳои назаривӣ, методологӣ ва амалии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар сатҳи хоҷагидории минтақавӣ истифода бурдааст. Дар таҳқиқот доираи васеъи маълумоти оморӣ, маводҳои

ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти худи муаллиф мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Боиси қайд аст, ки нуктаҳои асосии диссертатсия, ки барои ҳимоя пешкаш карда шудаанд, бешубҳа оид ба нишонаи васеъшавии доираи дарки илмӣ дар соҳаи усулҳои таҳқиқи ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар хоҷагидории минтақавӣ, раванди амалии он нигаронида шудаанд. Коркарди маълумоти ҷамъшуда барои таҳлили илмӣ ва муқаррар намудани натиҷаҳои назаррас дар хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ ҷамъ карда шуда, асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии диссертатсияро ифода мекунанд.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**.

Саҳми довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар иштироки бевосита дар ҳама марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсия мушоҳида карда мешавад. Гувоҳи ин гуфтаҳо мавриди таҳқиқ қарор додани маълумоти мухталиф доир ба ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз, низомбании муносибатҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз, дақиқ намудани асосҳои назариявию методологӣ ва ганигардонии онҳо, муносибатҳои илмӣ ва амалӣ барои таҳлили ҳадафҳо, самтҳо ва принсипҳои иқтисодиёти сабз, баҳодиҳии вазъи имрӯза ва самтҳоиояндаи рушди иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо, муқаррар намудани афзалиятҳои иқтисодиёти сабз, коркарди нишондиҳандаи баҳодиҳии инкишофи иқтисодиёти сабз дар хоҷагидории минтақавӣ баромад мекунанд.

Саҳми муаллиф дар натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот имкон фароҳам меоварад, ки пойдоршавии иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти минтақаҳо арзёбӣ карда шуда, барои таҳқиқотҳои минбаъда дар самти мазкур заминаи устувори илмӣ-амалӣ таъсис дода шавад. Баҳодиҳии саҳми довталаб имкон медиҳад, ки ӯро ҳамчун таҳқиқотчии мустақил дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ тавсиф намоем, ки дорои қобилияти масъалагузории илмӣ, хулосабарории дар таҳқиқот асосёфта ва ташкили самараноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сатҳи баланди назариявӣ, методологӣ ва амалӣ мебошад. Чунин қобилиятҳои муаллиф барои хулосабарорӣ, таҳлили доираи васеъи маводи таҳқиқотӣ, истифодаи усулҳои таҳқиқи иқтисодӣ имкон дод, ки дар диссертатсия натиҷаҳои хислати навгонии илмӣ дошта муқаррар карда шаванд, ки барои коркарди пешниҳодҳои мушаххас барои такомули фаъолияти хоҷагидорӣ дар минтақаҳо бахри пойдор намудани самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти сабз мусоидат намоянд. Иштироки бевоситаи довталаб дар таҳқиқот бо омода намудан ва нашри мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ифода ёфта, саҳми

шахсии муаллифро дар инкишофи таҳқиқи масъалаҳои пойдоршавӣ ва рушди иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти минтақаҳо исбот менамоянд.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷалаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқ аз тарафи довталаб мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои бонуфузи илмӣ ба нашр расидаанд. Дар маҷмуъ аз ҷониби муаллиф 26 кори илмӣ чоп карда шудааст, ки аз он 15 адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 монографияи дастаҷамъона, 1 монографияи муаллифӣ ва 9 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои сатҳи гуногун ба нашр расидаанд. Татбиқи натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти довталаб ба воситаи маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ дар давоми солҳои 2019-2025 мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мақолаҳои чопшудаи довталаб мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, панҷ боб, хулосаю пешниҳодҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйихати адабиёти истифодашуда, ки 316 сарчашмаро дар бар мегирад иборат мебошад. Матни диссертатсия дар 343 саҳифаи компютерӣ таҳия карда шуда, дар он 33 ҷадвал ва 49 расм ифода ёфтаанд.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд (с. 6-19).

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз»**, тафсири иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти сабз, мақоми он дар консепсияи рушди устувор, самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳқиқ карда шудаанд (с. 20-68).

Дар асоси таҳқиқ ва таҳлили корҳои илмӣ ва муқаррароти ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ доир ба ташаккулёбии иқтисодиёти сабз принсипҳо, бартариҳои экологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти сабз, инчунин механизмҳои ҷорӣ намудани меъёрҳои иқтисодиёти сабз довталаб дуруст қайд менамояд, ки "табиатан, иқтисодиёти сабз на фақат барои беҳтар намудани макони зист, инчунин табаддулоти истеҳсолӣ-экологӣ, инкишофи шахсият ва дигар қисматҳои зиндагонии аҳолиро фарогир мебошад. Дар раванди пойдоршавии иқтисодиёти сабз ба ягон бахши хоҷагидорӣ, алалхусус бахши хусусӣ ва ё давлатӣ афзалияти иловагӣ дода намешавад. Баръакс дар раванди

ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ҳамкории бахши хусусӣ ва давлатӣ густариш дода шуда, дар бахши хусусӣ тағйиротҳои истеҳсолию экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба назар расида, аз тарафи давлат бошад пояи дигаргуниҳои навоваранда таъсис ва ҳавасманд гардонида мешаванд. Татбиқи чунин чораҳо ногузир барои таъсиси ҷараёнҳои нави хоҷагидорӣ, такомули қоидаи бозӣ, ҳавасмандгардонӣ барои ташкили истеҳсолоти сиркулярӣ бо дарназардошти ҳадди ақали партови истеҳсолӣ, кафолати ба наслҳои оянда гузоштани захираҳои кифоягӣ баҳри тараққиёти минбаъда ва гайраҳо мусоидат менамояд" (с. 25-26).

Мавқеъи иқтисодиёти сабз дар консепсияи рушди устуворро мавриди таҳқиқ қарор дода диссертант ба воситаи истифодаи усули ягонагии таърихӣ ва мантиқӣ таҳаввули консепсияи иқтисодиёти сабзро кушода додааст. Чунин муносибат имкон дод, ки муаллиф дар асоси таҳлили ҳадафҳои рушди устувор мақоми иқтисодиёти сабзро ҳамчун "модели иқтисодӣ ифода мекунад, ки он таркиби консепсияи рушди устувор буда, таъминоти якҷояи мақсадҳои рушди босуботро бо фаъолияти хоҷагидории инсон алоқаманд менамояд. Ҳамаи ин дар партави ташаккулёбии иқтисодиёти сабз барои таъмини сатҳи зиндагонии комил дар давраи навин ва ҳаёти шоистаи наслҳоиояндаи инсоният шароит фароҳам меоварад, ки бевосита дар масрафи босамар ва ақлонаи захираҳои табиӣ ифода меёбад" (с. 47).

Дар асоси таҳлили тамоюли инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, алахусус таҷрибаи дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Қазоқистон довталаб дуруст қайд мекунад, ки "иқтисодиёти сабз ҳамчун тарзи хоҷагидорӣ доимо дар ҳаракат қарор дошта, қобилияти қабули навовариҳои гуногунро дорад. Дар ин росто, коркард ва қабули навовариҳои гуногун дар самти ташаккулёбии иқтисодиёти сабз омодагии сиёсӣ ва хоҷагидориро талаб менамояд. Навовариҳо дар истифодабарии сарчашмаҳои гуногуни коркард ва истифодаи неруи энергетикии барқароршаванда қобилият доранд барои манфиати ҳама субъектони хоҷагидорӣ хизмат намоянд: барои хонавода ташкили ҷойҳои корӣ, барои корхонаҳо баланд намудани рақобатпазирии маҳсулот ва дар ниҳоят барои ҷамъият дар костагардии вазнинӣ ба муҳити ҳастӣ" (с. 55).

**Дар боби дуюм «Ҷиҳатҳои методологии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз»** татбиқи сиёсати иқтисодии давлат дар самти ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти сабз, иқтисодиёти сабз ҳамчун намуди муосири таъмини рушди иқтисодӣ, муносибатҳои институтсионалӣ доир ба ташаккулёбии иқтисодиёти сабз, инчунин ҷиҳатҳои иҷтимоии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (с. 69-128).

Ба воситаи таҳлили тамоюли дигаргуншавии тамаддунҳо дар дунё, хусусиятҳои рушди устувор бо дарназардошти принсипҳои экологизатсияи тараққиёт таъкид карда мешавад, ки "баҳамалоқамандии бехатарии иқтисодӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар доираи модели рушди устувор ба воситаи истифодабарии иқтидори иқтисодӣ ва ҳамзистии инсон ва табиат ба назар мерасад. Чунин алоқамандӣ пеш аз ҳама дар эҳтиёҷоти мавҷудияти тамаддун, муносибати оқилона ва оқилонаи инсоният ба истифодабарии захираҳои маҳдуди табиӣ ва дигарҳо аён мегардад" (с. 83-88).

Иқтисодиёти сабзро ҳамчун шакли муосири таъмини рушди иқтисодӣ таҳқиқ намуда, муаллиф зарурати ба инобат гирифтани афзалиятҳои консепсияи рушди устуворро дар раванди ташаккулёбии иқтисодиёти сабз иброз менамояд, ки дар чунин ақида инъикос ёфтааст: "байналмилалишавии омилҳои беруна бо дарназардошти хароҷоти аслии экологӣ ва иҷтимоӣ; сиёсати устувори харидҳои давлатӣ бо дарназардошти ташаккулёбии бозорҳои сабз; зарурати ба инобат гирифтани низоми экологӣ ҳангоми коркард ва татбики сиёсати буҷетию андозӣ; маблағгузорӣ аз тарафи ниҳодҳои давлатӣ барои инкишофи соҳаҳои ёрирасони иқтисодиёти сабз; эътирофи ҳамаҷонибаи навовариҳо дар самти иқтисодиёти сабз, таҳқиқотҳои илмӣ ва ҷалби техникаю технологияҳои сабз; сиёсати дурнамоӣ дар самти сармоягузорӣ ва инкишофи рушди устувори иҷтимоӣ ва экологӣ; сиёсати иҷтимоӣ барои мутобиқ намудани ҳадафҳои иҷтимоӣ бо самтҳои сиёсати иқтисодиёти сабз" (с. 92-93). Истифодаи амалии чунин афзалиятҳо барои ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар раванди ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Бо истифода аз таҳлили PEST, унвонҷӯ омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологии иқтисодиёти сабзро барои минтақаҳои Тоҷикистон амалӣ мавриди таҳлил ба арзёбӣ қарор додааст. Муносибати мазкур имкон дод, ки таъсири унсурҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат муайян карда шавад. Дар ин бобат муаллиф дуруст қайд мекунад, ки "унсурҳои сиёсии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ва ҳадафҳои он ба воситаи мустаҳкамгардонии институтҳои давлатӣ дар асоси тартиб додани барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии давлатӣ мавриди амал қарор дода шуда, унсурҳои иқтисодӣ барои ташкили чораҳои маблағгузорӣ барои технологияҳои сабз ва афзоиши сарчашмаҳои коркарди неруи энергетикии барқароршаванда, ташкили соҳаҳои ёрирасони низоми экологӣ, ба ҳадди ақал расонидани хароҷоти истеҳсолот ва фоида, васеъшавии номгӯи фаъолияти иқтисодӣ ва ҷойҳои кории сабз, такомули равандҳои идоракунии истеҳсолот ва таъмини мӯътадилии вазъияти иқтисодиро дар назар доранд. Унсурҳои

иҷтимоӣ ҳамчун баланд намудани маънавиёти экологии ҷамъият, масъулият барои нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани муҳити зист нигаронида шуда, унсури технологӣ дар истифодабарии технологияҳои сарфакунандаи энергия, ташкили фаъолият оид ба коркарди даврагии партовҳо, навовариҳои зарурӣ дар ҳама бахшҳои иқтисодӣ ва ташкили марказҳои хушманд дар минтақаҳои мамлакат муҳим ба ҳисоб мераванд" (с. 95-97).

**Дар боби сеюм «Вазъи муосири инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон»** дар аввал тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон бо фарогирии имкониятҳои инкишофи иқтисодиёти сабз, заминаҳои асосии рушди иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо, дурнамои истифодаи технологияҳои сабз дар соҳаҳои хизматрасонии коммуналии минтақаҳо, инчунин идоракунии партов ҳамчун самти афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудаанд (с. 129-195).

Тамоюли тағйирёбии МММ ва ММН ба ҳар сари аҳолиро дар минтақаҳои мамлакат таҳлил карда, довталаб муқаррар менамояд, ки "дар давраи солҳои 2000-2023 дар истеҳсоли ММН дар минтақаҳои мамлакат тағйиротҳои сохторӣ мушоҳида карда мешаванд. Омӯзиш ва арзёбии маълумоти мавриди таҳлил қарор додашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар пешрафти муосири иқтисодиёти кишвар саҳми нисбатан калонро вилояти Хатлон ва вилояти Суғд доранд" (с. 129-133). Муайян намудани саҳми минтақаҳо дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ имкон фароҳам овард, ки хулосаи хислати амалӣ доштаро баён намояд, ки мувофиқи он "тараққиёти иқтисодиёти миллӣ бо тараққиёти минтақаҳои пешрафта вобастагӣ дорад, ки таъсиси онҳо ҳангоми татбиқи ҳадафҳои иқтисодиёти сабз барои тараққиёти умумии иҷтимоӣ-иқтисодӣ мусоидат менамояд" (с. 141). Ҷоиз ба таъкид аст, ки дар ҳақиқат тараққиёти иқтисодиёти сабз бевосита дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории минтақаҳо ифода ёфта, ба минтақаҳои таъиноти пешрафта дошта вазифаҳои ҷалби инвеститсияҳо ва таъсиси корхонаҳои нав, инфрасохтори нақлиётӣ ва иҷтимоӣ барои ташаккулёбии иқтисодиёти сабз вобаста карда мешаванд.

Алиджанова С.А. комилан дуруст қайд менамояд, ки "амалигардонии ташаккулёбии амсилаи иқтисодиёти сабз дар раванди ҷорӣ намудани принсипҳои он барои расидан ба мақсадҳои рушди босубот мусоидат карда, истифодабарии оқилонаи захираҳоро таъмин менамояд" (с. 151). Дар асоси ақидаи мазкур ба муаллиф муяссар гардид, ки заминаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии инкишофи иқтисодиёти сабзро муқаррар намояд. Ба фикри унвонҷӯ "мавҷудияти ин заминаҳо мақомоти ҳокимияти давлатиро водор намуданаш

зарур аст, ки самти тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳоро ба инкишофи иқтисодиёти сабз равона созанд” (с. 151). Ақидаҳои худро диссертант бо SWOT таҳлили (тарафҳои пурқувват, тарафҳои заиф, имкониятҳо ва хатарҳо) иқтисодиёти сабз барои ҳар як минтақаи мамлакат дар алоҳидагӣ мустаҳкам ва асоснок менамояд (расми 3.6 с. 154 ва ҷадвали 3.3 с. 155-156).

Ҳолати муосири соҳаи хоҷагидории коммуналии минтақаҳоро мавриди таҳлил қарор дода, унвонҷӯ самтҳои инкишофи онҳоро бо дарназардошти ҳадафҳои рушди иқтисодиёти сабз муқаррар намудааст. Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки “барои коҳиш додани партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнок ба ҳаво дар хоҷагии коммуналӣ гузариш аз истифодаи ангишт ба гази табиӣ афзалияти зарурӣ дорад” (с. 175).

Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои Шветсия, Олмон, Шветсария, Фаронса, Ҷопон ва дар умум омӯзиши иерархияи усулҳои муносибат ба партов, имкон фароҳам овард, ки идоракунии коркарди партов ҳамчун самти афзалиятноки ташаккулёбии иқтисодиёти сабз арзёбӣ карда шавад (с. 180-184).

**Дар боби чорум «Хусусиятҳои минтақавии инкишофи иқтисодиёти сабз дар Тоҷикистон»** рушди сарчашмаи энергетикии барқароршаванда, афзалияти гузариш ба нақлиёти сабз, инкишофи шуғли сабз дар раванди пойдоргардии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо таҳқиқ карда шудаанд (с. 196-245).

Дар диссертатсия таҳқиқи инкишофи неруи энергетикии барқароршаванда ҳамчун ҳадафи афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз амалӣ карда шуда, дар асоси таҳлили эмпирикӣ иқтидори барқистеҳсолкунии дарёи Вахш, Панҷ, Зарафшон, Кофарниҳон, Сурхоб ва дигарҳо арзёбӣ карда шудаанд. Дар натиҷа довталаб дуруст қайд мекунад, ки “омода намудани низоми ягонаи таъминоти энергетикии мамлакат дар асоси баҳампайваст намудани шабақаҳои барқии минтақаи ҷанубу шимол амалӣ карда шуд. Дар ин росто бунёди неругоҳҳои барқии обии хурд ва миёна дар минтақаҳои кишвар, инчунин сохтани неругоҳҳои калони барқӣ дар асоси лоиҳаҳои минтақавию байниҳукуматӣ афзоиш ёфта, инчунин корҳои зиёд дар ҷодаи истифодабарии нерӯи энергетикии офтоб ва бод анҷом дода шудаанд. Ҳамаи ин лоиҳаҳои татбиқшаванда бо назардошти ҷиҳатҳои ташаккулёбии амсилаи иқтисодиёти сабз амалӣ шуда истодаанд” (с. 206). Таҳлили эмпирикии гузаронидашуда собит намуд, ки дар минтақаҳои Тоҷикистон имкониятҳо ва иқтидори коркарди неруи энергетикӣ аз сарчашмаҳои барқароршаванда баланд арзёбӣ шуда, дар раванди ташаккулёбии иқтисодиёти сабз метавонад нақши муассирро иҷро намояд.

Таҳлили муқоисавии нақлиёти мусофиркашони барқӣ дар минтақаҳои мамлакат нишон дод, ки ба ғайр аз шаҳри Душанбе дар манотиқи кишвар истифодаи чунин намуди нақлиёт то ҳол инкишоф наёфтааст. Бинобар ҳамин дар диссертатсия зарурати гузариш ба нақлиёти сабз, яъне барқӣ ё гибрид аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Дар ин бобат муаллиф хароҷоти истифодабарии нақлиёти анъанавиро бо хароҷоти истифодаи нақлиёти барқӣ муқоиса намуда, афзалияти гузариш ба ин намуди нақлиётро ҳамчун ҳадафи зарурии пойдоршавии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо баҳогузорӣ менамояд. Муносибати мазкур ба таҳқиқот имкон дод, ки аз тарафи муаллиф хулосаи мантиқан дуруст баён карда шавад. Довталаб дуруст таъкид ба амал меоварад, ки "татбиқи амалҳо барои гузариш ба нақлиёти сабз азнавсозии тамоми инфарсохтори идоракунии ҳаракати автомобилҳоро дар назар дорад. Пеш аз ҳама зиёд намудани нишонаҳо барои ҳаракати автомобилҳои ба талаботҳои экологӣ ҷавобгӯ набуда, васл намудани таҷҳизоти санҷишкунандаи партови гази карбон дар автомашинаҳо ва гайраҳо муҳим арзёбӣ карда мешаванд" (с. 226).

Мусаллам аст, ки дигаргуншавии низоми иқтисодӣ барои тағйирёбии унсурҳои таркибии он сабаб мешавад. Хислати мазкур бештар ба бозори меҳнат хос буда, дар шароити тагйироти низоми хоҷагидорӣ, дар он дигаргуниҳо ба назар мерасанд. Пойдоршавии иқтисодиёти сабз ба воситаи тағйирёбии низомӣ ба шуғли аҳолӣ таъсир мерасонад. Яъне дар шароити инкишофи иқтисодиёти сабз зарурати мутобиқсозии шуғли аҳолӣ ба ҳадафҳои амсилаи иқтисодиёти сабз ба миён меояд. Бинобар ҳамин унвонҷӯ дар доираи таҳқиқоти худ ба ташаккули шуғли сабз аҳаммият зоҳир карда, дар асоси таҳлили сарчашмаҳои мухталифи илмӣ ва оморӣ, нишондиҳандаҳои ҷойи кории сабзро муқаррар намудааст, ки нишондодҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, техникӣ ва технологиро фарогир мебошад (расми 4.1. с. 237).

**Дар боби панҷум «Ҳадафҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон»** муносибати стратегии рушди иқтисодиёти сабз дар доираи унсурҳои рушди устувори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои афзалиятноки ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат, инчунин мукаммалгардонии низоми нишондиҳандаҳои инкишофёбии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода шудаанд (с. 246-295).

Муносибати стратегии рушди иқтисодиёти сабзро вобаста аз унсурҳои рушди устувори минтақаҳо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода, диссертант дар асоси амсилаҳои схемавӣ хулосаи дуруст мебарорад, ки боиси дастгирӣ мебошад. Яъне дар ин бобат дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки "дар

ҳолати ташаккулёбии амсилаи иқтисодиёти сабз ҳамчун як стратегияи тараққиёт дар минтақаҳои Тоҷикистон таъиноти калидии он бояд муайян карда шавад, ки ба сифати ҳадафҳои он чунин унсурҳо баромад менамоянд: ташаккулёбии шароитҳои тараққиёти устувор ва бехатари низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, яъне ташаккулёбии шароитҳо барои дастрасии сатҳи баланди амнияти иқтисодиёти минтақавӣ ва миллӣ, таъминоти захиравии иқтисодиёт, таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаҳо дар шароити мураккабгардии стандартҳои экологӣ ва талабот ба технологияҳо; зарурати дигаргуншавии технологии иқтисодиёти ватанӣ, инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунанда ва татбиқи стандартҳои ҷаҳонӣ дар истеҳсоли молҳои гуногун; дигаргуншавии сохтории иқтисодиёт барои бартараф намудани хавфҳои инкишофи технологӣ" (с. 262).

Бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат, дар диссертатсия вазъи фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноати истихроҷи маъдан, сохтори соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст (с. 266-268). Дар асоси таҳлилҳои эмпирикии гузаронидашуда, ба муаллиф муяссар гардид, ки самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз барои ҳар як минтақаи мамлакат вобаста аз иқтидор ва имкониятҳо муайян карда шаванд (с. 268-274).

Барои мукаммалгардонии низоми нишондиҳандаҳои инкишофёбии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат, дар диссертатсия ба воситаи таҳлили нишондиҳандаҳои глобалии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз, алалхусус "Индекси глобалии иқтисодиёти сабз" мақоми Тоҷикистон муқаррар карда шуда, барои арзёбии дараҷаи ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ вобаста ба афзоишёбии ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ коркард ва ҳисоб карда шудааст (с. 278 – 292). Ҷоиз ба таъкид аст, ки коркард ва ҳисоб намудани коэффитсиенти номбурда дорои арзиши илмӣ, методологӣ ва амалӣ барои муайян намудани вазъи пойдоршавии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо баромад мекунад.

**Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия** 16 бандро фаро гирифта, натиҷаҳои ба дастовардаи муаллифро ба пуррагӣ ифода мекунанд. Инчунин пешниҳодҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия аз 16 банд иборат буда, истифодабарии амалии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд (с. 296-303).

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия ба талаботҳои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, талаботҳои омодасозӣ ва экспертизаи диссертатсияҳо дар шурои диссертатсионӣ, инчунин дигар талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.03.2023 № 295 “Оид ба тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № 267” тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Довталаб диссертатсияро бо риояи меъёрҳои имлои забони тоҷикӣ, бо забони илмӣ омода карда, мувофиқи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ таҳия кардааст. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муҳтавои асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Алиджанова Сурайё Абдушукуровна ба ихтисоси илмии дархостшаванда 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки Алиджанова Сурайё Абдушукуровна мутахассиси ботаҷриба дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ буда, дорои қобилияти мустақилона ҳал намудани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад. Диссертатсияи тақризшаванда ба тахассуси довталаб мувофиқат мекунад. Мавзуи таҳқиқот, сохтор ва таркиби он ба пуррагӣ ба талаботҳои тахассусии шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои илмии аз тарафи довталаб дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашуда ба талаботҳои додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ мутобиқат мекунад.

Довталаби дараҷаи илмиро ҳамчун корманди илмӣ тавсиф намуда, дараҷаи донишандӯзӣ, қобилияти баланди илмӣ ва масъулиятнокии ӯро таъкид намудан зарур аст. Алиджанова С.А. қобилияти ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро дар сатҳи зарурӣ нишон дода, ӯ метавонад мустақилона хулосаҳои илмиро барои муайян намудани самтҳои самараноки дастрасии мақсадҳои гузошташуда муқаррар намояд.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии ба итмом расидаро ифода карда, дар он ноилгардӣ ба ҳадафҳои таҳқиқот ҳалли вазифаҳои таҳқиқот ба назар

мерасанд. Эродҳои ҷиддӣ нисбат ба сохтор ва таҳияи диссертатсия ошкор нашуданд. Новобаста ба дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона, диссертатсияи Алиджанова С.А. аз норасогиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холи нест, алалхусус:

1. Беҳтар мешуд, агар дар доираи боби сеюм бо истифода аз усулҳои маъмули пешгӯикунӣ, ояндабинии рушди иқтисодиёти сабз барои минтақаҳои мамлакат арзёбӣ карда мешуданд.

2. Ҳангоми таҳқиқи соҳаҳои хоҷагидории коммуналӣ, муттаассифона сарчашмаҳои алтернативии истеҳсоли энергия ва таъминоти аҳолӣ бо он мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд, ки диссертатсияи тақризшавандаро боз ҳам рангинтар менамуд.

3. Дар таҳқиқот оид ба зарурати инкишофи кишоварзии органикӣ таъкид карда шуда, лекин таҳлилҳо дар ин самт кам ба назар мерасанд.

4. Муаллиф зарурати инкишофи шуғли сабзро қайд карда, лекин дурнамои инкишофи онро дар доираи рушди иқтисодиёти сабз баҳогузорӣ накардааст, ки арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам баландтар менамуд.

5. Дар диссертатсия сарчашмаҳои маблағгузорӣ оид ба ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз аз нигоҳи муаллиф дур мондааст.

Камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқarrаргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Алиджанова Сурайё Абдушукуровна ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқarrароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод

шудааст. Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи якҷояи шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ ва шуъбаи моделсозӣ ва дурнамогирии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 10 аз 25 ноябри соли 2025). Дар ҷаласаи якҷояи шуъбаҳо иштирок доштанд 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа: доктори илмҳои иқтисодӣ,
сарходими илмии шуъбаи
таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии
Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ — Ҷонмамадов Ш.Б.

Эксперт: доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор, узви вобастаи АМИТ,
мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии
иқтисодии Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ — Саидмуродзода Л.Ҳ.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири шуъбаи моделсозӣ ва
дурнамогирии равандҳои
иҷтимоӣ-иқтисодии
Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ — Муминова Ф.М.

Имзоҳои Ҷонмамадов Ш.Б., Саидмуродзода Л.Ҳ. ва Муминова Ф.М. - ро тасдиқ мекунам:

Инспектори калон оид ба
кадрҳои институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ — Махсутшоева З.Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроғаи муассисаи пешбар:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6 А.
Тел/Fax: +992 (37) 221-67-50.
E-mail: info@ied.tj; сомонаи расмӣ: https://ied.tj

«26» ноябри соли 2025.